PLITONIT

ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ

Plitonit Deutsche Qualität

## PLITONIT Таҳранги омода PROFI – праймери воридшавии амиқ барои корҳои дарунӣ ва берунӣ

Маҳсулот барои таҳрангкунии деворҳо, фаршҳо ва шифтҳо дар асоси сементӣ, сементӣ-оҳакӣ ва гаҷӣ, варақаҳои гаҷтахтаҳо пеш аз татбиқи омехтаҳои маҳлулӣ дар асоси сементӣ ва гаҷӣ, рангуборкунӣ ва часпонидани гулкоғазҳо бо мақсади мустаҳкамкунии асосҳо, пасткунии ҷаббиши оби асос, ҷараёни пеш аз муҳлати об ва бечангкунии асос пеш аз гузаронидани корҳои дарунӣ ва берунӣ таъин гардидааст.

**Бандубаст — канистраи пластикии 3 л, 10 л; сатили пластикии 10 кг**

- Барои истифода омода
- Амиқ ворид мешавад ва асосро мустаҳкам мекунад
- Адгезия бо рӯйпӯшкуниҳои баъдинаро баланд мекунад
- Таҳранг барои деворҳо, фаршҳо ва шифтҳо
- Барои корҳои дарунӣ ва берунӣ истифода
- Ҳангоми нигоҳдорӣ яхкунонидан мумкин

### Хароҷоти мавод

100-200 мл праймер ба 1 м² вобаста аз қобилияти ҷаббиши асос

### Шартҳои гузаронидани корҳо

Ҳарорати ҳаво, асос ва праймери барои татбиқ омода дар вақти гузаронидани корҳо бояд на кам аз +5°C бошад. Ҳангоми истеҳсоли корҳои беруна сатҳи коркардшударо аз боришоти атмосферӣ то лаҳзаи хушк шудан муҳофиза кардан лозим аст.

### Омодакунии асос

Пеш аз таҳрангкунӣ сатҳро аз чанг, ифлосӣ, равған тоза кунед. Қитъаҳои кӯҳна ва номустаҳками рӯйпӯшро бодиққат нест кардан лозим аст.

### Усули татбиқ

Пеш аз истифода праймерро бодиққат омехта кардан лозим аст. Сатҳҳои амудӣ бо набардча ё ки бо ёрии пошанда таҳранг карда мешаванд. Агар таҳранг ба асос дар давоми 5-10 дақиқа ҷаббида шуда, хушк шавад, таҳрангкунии такрорӣ лозим аст. Таҳрангкунии такрорӣ ва корҳои ороиширо баъд аз пурра хушк шудани қабати якуми таҳранг иҷро кардан лозим. Вақти хушкшавӣ байни қабатҳо аз намуди асос ва шароити ҳароратӣ вобаста аст. Таҳрангкунии такрориро тақрибан баъд аз 30-60 дақиқа баъд аз молидани қабати якум иҷро кардан лозим аст. Омили баҳодиҳӣ ба омодагии сатҳ ба таҳрангкунии такрорӣ набудани пайҳои таршавӣ дар варақи ба сатҳи коркардгардида гузошташуда мебошад.

**Диққат**

Дар ҷараёни гузаронидани корҳо таҳрангро давра ба давра омехта кардан тавсия дода мешавад. Асбобҳо ва зарфҳоро дарҳол баъд аз татбиқ бо об шӯед. Тавсифномаҳои нишондодашуда ҳангоми ҳарорати муҳити атроф 20±2°C, намнокии нисбии ҳаво 60±10% эътибор доранд. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастурамалҳо оид ба бурдани корҳои умумисохтмонӣ ва техникаи бехатарӣ дар сохтмон дастур бояд гирифт. Барои таҳрангкунии фаршҳо пеш аз татбиқи ҳамворкунандаҳо истифода бурдан аз ПЛИТОНИТ Грунт СуперПол PROFI тавсия дода мешавад.

**Чораҳои эҳтиёт**

Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо истифода бурдан лозим. Расидани праймер ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед ва ба духтур муроҷиат кунед.

**Шартҳои кашонидан ва нигоҳдорӣ**

**Барои ретсептураи зимистонӣ:** дар тараи зич пӯшидашуда дар ҳарорати аз -50°C то +40°C, нигоҳ дошта шавад, аз нурҳои бевоситаи офтоб муҳофиза кунед. То 5 давраҳои яхкунонӣ ҳангоми -50°C иҷозат дода мешавад, баъд аз яхкунонӣ хусусиятҳои худро нигоҳ медорад. Баъди аз ях фаровардан дар ҳарорати хона то пурра об шуданаш, бе гармкунии маҷбурӣ нигоҳ доштан лозим.
Барои ретсептураи зимистонӣ: таҳрангҳо дар биноҳои пӯшидаи анборӣ дар ҳарорати муҳити атроф аз +5°C то +40°C нигоҳ дошта шавад, ба яхкунонӣ иҷозат роҳ дода нашавад.
Муҳлати нигоҳдорӣ дар тараи кушоданашудаи истеҳсолкунанда – 24 моҳ аз рӯзи истеҳсол. Барои санаи истеҳсолот ба бандубаст нигаред.

**Таркиб**

Дисперсияи обии полимер, иловаҳои модификатсиякунанда.

**Кафолати истеҳсолкунанда**

Истеҳсолкунанда мутобиқати маҳсулотро ба талаботи ШТ 2241-001-51552155-2013 ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад.

**Иттилооти логистикӣ барои канистраи 3 л**

Штрих-коди фардӣ 4607013043862

Миқдори зарфҳо дар паллет – 144 дона.

**Иттилооти логистикӣ барои канистраи 10 л**

Штрих-коди фардӣ 4607013043879

Миқдори зарфҳо дар паллет – 40 дона.

**Иттилооти логистикӣ барои сатили 10 кг**

Штрих-коди фардӣ 4607013046221

Миқдори сатилҳо дар паллет – 44 дона.